**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Диссертатсияи номзадии Салимзода Муҳайё Абдусалим ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба зиндагиномаи яке аз шоирони машҳури нимаи дуюми асри XIX Абдулқодирхоҷаи Савдо ва мақоми ӯ дар адабиёти форс-тоҷик бахшида шудааст. Омӯзиши рӯзгор ва мероси адабии Абдулқоирхоҷаи Савдо ва таъйини накши ӯ дар рушди адабиёти ин давра, махсусан, ҳамчун шоири ғазалсаро ва идомабахши бесобиқаи ғазалиёти классикӣ бо услуби хоси замонавӣ саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин нигоҳ, метавон мавзуи интихобкардаи диссертантро муҳимму арзишманд шуморид, зеро пажӯҳиши рӯзгор ва осори Абдулқодирхоҷаи Савдо, ки дар таърихи адабиёти тоҷик ба сифати яке аз шоирони фасеҳбаён ва машҳури замони худ шинохта мешавад, барои таъйини таҳаввули адабиёт дар давраҳои баъдина аз аҳаммияти зиёде бархурдор аст.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки Абдулқодирхоҷаи Савдо дар баробари сабки баргузида, мазмун ва мундариҷаи осораш фарогир, аз нигоҳи забон тозаву равон ва аз назари сабки баён дорои равиши махсус мебошад, ки на танҳо дар адабиёти асри XIX, балки дар марҳалаҳои баъдии таърихии адабиёти тоҷик низ дорои арзиши қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар ин диссертатсияи дар баробари таҳқиқи рӯзгор ва осори Абдулқодирхоҷаи Савдо мақоми ӯ дар адабиёти асри XIX мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Рӯзгори шоир ба дарбори амир Музаффар дар иртиботи қавӣ қарор дошта, ӯ дар миёни шоирони ҳавзаи адабии Бухоро ба сифати хаттоти машҳур соҳиби мақому мартабаи хосса ва миёни аҳли адаб соҳиби эҳтиром буд. Аксари қитъаҳои шоиронро ҷамъ намуда, тамоми умри худро ба хаттотӣ сарф намудааст.

Диссертант ҳангоми таълифи диссертатсия ва ҳалли масъалаҳои марбут ба мавзуъ аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ, оморӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо, сохтори асари бадеӣ ва дигар меъёрҳои писандидаи илмӣ истифода кардааст.

Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим аз муқаддима, се боб ва хулосаю рӯйхати адабиёт иборат аст. Бобҳои рисола ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд.

Диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи фарогир ва комплексӣ марбут ба рӯзгору осори Савдо дар робита ба доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX буда, дар он бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик омӯзиши рӯзгори Абдулқодирхоҷаи Савдо ва мероси адабии ӯ дар доираи меъёрҳои таҳқиқии замони муосир ба таври густарда дар робита ба вазъи сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва муҳити адабии замон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Илова бар ин, дар диссертатсия махсусиятҳои жанрӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори шоир ва нақши ӯ дар эҷоди анвои гуногуни шеърӣ, махсусан ғазал, аз назари идомаи суннати ғазалсароӣ, маснавӣ, рубоӣ, қитъа, дигар анвои адабӣ ва осори мансури шоир мушаххас гардида, корбасти як қатор санъатҳои бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Инчунин, диссертант “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдоро аз ҷиҳати китобшиносӣ ва нусхашиносӣ таҳлилу баррасӣ намуда, сохт ва таркиби онро мушаххас намудааст. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, инчунин, дар таълифоти марбут ба мавзуи мавриди назар анҷом додааш, ки дар қолаби мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, намудор аст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи Салимзода М.А. маҷмуан баён шуда, феҳристи адабиёт тибқи меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 5 мақолаи муаллиф, ки аз ин теъдод 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим истифодаи

мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риояи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин гардидааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши назарию амалии онро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, ин диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан ҷоиз аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд: –

– **Қурбонзода Рухшона Қурбон** — доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Анзурати Маликзод** – номзади илмҳои филолгӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёт ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Солеҳов Мирзо Одинаевич

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯракулович

«22» апрели соли 2026.